# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест аз фанни забони давлатӣ барои олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН

**1** **Дар кадоме аз ин калимаҳо садоноки <u>ӣ</u> овози таркиби калима аст?**

A) болӣ, нолӣ
B) холӣ, шолӣ
C) пагоҳӣ, ҳолӣ
D) ҷавобӣ, ҷанҷолӣ

**2** **Калимаи <u>даро</u> дар байти зерини устод Рӯдакӣ чӣ маъно дорад:**

***На позер бояд туро, на сутун,***
***На девори хишту на з-оҳан <u>даро</u>!?***

A) *дар* – пешоянд
B) *дар* – ҷойи даромадан ба хонаю боғ
C) асоси замони ҳозираи феъли ***дармадан – даро***
D) *даро(й)*, зангӯлае, ки дар гардани шутур мебананд

**3** **Дар кадом банд ибораи рехта (фразеологӣ) оварда шудааст?**

A) ба чашм сурма кардан
B) ба чашм айнак мондан
C) ба чашми касе хок пошидан
D) ба чашми касе марҳам молидан

**4** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***"Мегӯянд, ки бо раиси калон ҳам ... ."*** (Ҷ.Икромӣ)

A) ситорагарм бошӣ
B) ситораамон рост наомад
C) ситорааш рост наомадааст
D) ситораи ману раис ҳеҷ рост наомад

**5** **Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***"Дар ин замони таърихӣ, ки инқилоби иҷтимоӣ барқвор интишор меёбад, империёлизми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст, ки натиҷаи он масъалаи будан ва ё набудани империёлизмро дар рӯйи дунё ҳал хоҳад кард."*** (С. Айнӣ)

A) илмӣ
B) бадеӣ
C) расмӣ
D) рӯзноманигорӣ

**6** **Номуайянии исм бо кадом восита ифода меёбад?**

A) бо пасоянди ***-ро***
B) бо пасванди ***-то/та***
C) бо пасванди ***-тар, -тарин***
D) бо артикли ***-е*** ва калимаҳои ***як, ягон***

**7** **Дар кадом банд сифатҳо оварда шудаанд?**

A) аввал, нахуст
B) якдигар, якчанд
C) гандумгун, лолагун
D) бародарвор, ошкоро

**8** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***"Нигориши достони нав ... пеш мерафт."*** (С. Улуғзода)

A) даррав
B) бо тезӣ
C) бе шитоб
D) саросемавор

Дарсномаҳои www.ntc.tj РОЙГОН!

**9** **Вазифаи бандакҷонишини *–аш-ро* ҷонишин дар кадом банд дуруст иҷро кардааст:**

*"... ин бинои хароби куҳнаи зулмобод, ки сарои подшоҳӣ меномидандаш, дар ҳақиқат як ваҳшатсарои даҳшатафзо буд."*? (С. Айнӣ)

A) ки ӯро сарои подшоҳӣ меноманд

B) ки онро сарои подшоҳӣ меномиданд

C) ки вайро сарои подшоҳӣ меномидаанд

D) ки онҳоро сарои подшоҳӣ номида буданд

**10** **Воситаи алоқаи ибораҳои вобастагӣ кадом аст?**

A) бандаки изофӣ

B) тартиби калима

C) пешоянду пасояндҳо

D) пайвандакҳои пайвасткунанда

**11** **Дар кадом қатор хабари ҷумла ба мубтадо мувофиқат намекунад?**

A) Фазилати ин шоир аз ду шоири аввалӣ ҳам пасттар буд. (С.Айнӣ)

B) ... таваллуд шудани шоҳписарро аҳли дарбор мунтазиранд. (Ӯ.Кӯҳзод)

C) Охир, зинда будан аз зиндагӣ кардан аз ҳам басе фарқ доранд. (С.Турсун)

D) Мардум ҳатто ба болохона ва бомҳо баромада, маросими дафну мотамро тамошо мекарданд. (Ҷ.Икромӣ)

**12** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли замони мувофиқ гузоред:**

*"Рафт ва ... баргашт."* (С. Улуғзода)

A) ҳозир B) ночор C) ногаҳон D) баъд аз ним соат

**13** **Сарҷумларо муайян намоед:**

*"Дар ин замони таърихӣ, ки инқилоби иҷтимоӣ барқвор интишор меёбад, империёлизми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст, ки натиҷаи он масъалаи будан ва ё набудани империёлизмро дар рӯйи дунё ҳал хоҳад кард."* (С. Айнӣ)

A) ... империёлизми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст, ...

B) Дар ин замони таърихӣ, ки инқилоби иҷтимоӣ барқвор интишор меёбад, ...

C) Дар ин замони таърихӣ империёлизми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст, ... .

D) ки натиҷаи он масъалаи будан ва ё набудани империёлизмро дар рӯйи дунё ҳал хоҳад кард.

**14** **Давоми мантиқии мисраи зеринро муайян намоед:**

***Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав ...* (Ҳофизи Шерозӣ)**

A) Тоҷи Ковус бибурду камари Кайхусрав.

B) Аз фурӯғи ту ба хуршед расад сад партав.

C) Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.

D) Гуфт: "Бо ин ҳама аз собиқа навмед машав".

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**15** **Дар ҷумлаи зерин аз “Таҳзиб-ус-сибён”-и Садриддин Айнӣ кадом хислатҳои тоҷир нишон дода шудаанд?**

*“Агар ба як дона гӯгирд саҳл мегирифтам ва ба муфт сӯхтани он розӣ мешудам, дар ин маврид аз куҷо пул ёфта иона (ёрмандӣ, хайр) мекардам?”*

**A)** баднафсӣ, чашмгуруснагӣ

**B)** боэҳтиётӣ, сарфакорӣ

**C)** хасисӣ, мумсикӣ

**D)** судхӯрӣ, манфиатҷӯӣ

## ЛУҒАТ

| р/т | Калима | Ҳаммаънои калима ё шарҳи он |
|---|---|---|
| 1 | илтифот | |
| 2 | буқаламун | |
| 3 | савт | |
| 4 | дай | |
| 5 | пайкар | |
| 6 | диж | |
| 7 | ҷуд | |
| 8 | қазо | |
| 9 | аъмо | |
| 10 | паймон | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj